**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партавиислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баланд бардоштани шуури ҳуқуққии судяҳо мубрам буда, масъалаҳои муҳимро дар бар гирифта, ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки он ҷиҳати таҳкими ҳокимияти судӣ, рушди шуури ҳуқуқии судяҳо, мустақилияти онҳо, хубу босифат таҳия намудани санадҳои судӣ, тафсири маънии асосии қонунҳо ва дарки дурусти татбиқи қонунҳо ҳангоми баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби судяҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Зеро дар замони дигаргуниҳои зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи дурусти қонунҳо дар баамалбарории адолати судӣ зарур мебошад.

Мавзуъ, муҳтаво ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расонидаанд. Бинобар ин, барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи проблемаи шуури ҳуқуқии судяҳо аз ҷиҳати назария ва амалияи илмӣ зарур ва муҳим мебошад.

Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ ҳама вақт таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои мутахассисон оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад. Аммо қисми асосии он таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ бахшида шуда, доир ба шуури ҳуқуқии судяҳо, дар адабиётҳои илмӣ, ба тариқи маҷмуъӣ таҳқиқи назариявию илмии муфассал гузаронида нашудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф доир ба амалишавии чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ сухан ронда, қайд менамояд, ки дар ҷумҳурӣ дар замони соҳибихтиёрӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007,таҳти №271 Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, аз 3 январи соли 2011, таҳти №976 барои солҳои 2011- 2013, аз 5 январи соли 2015, таҳти № 327 барои солҳои 2015- 2017 ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 қабул карда шудаанд, ки онҳо бобати таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани ҷой ва нақши ҳокимияти судӣ ва судяҳо, такмили қонунгузории моддӣ, мурофиавӣ ва салоҳияти судяҳо дар амалигардонии адолати судӣ мусоидат намудаанд.

Муаллиф саҳеҳ қайд менамояд, ки новобаста аз тарҳрезии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ баъзе масъалаҳо, ба монанди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳоло ҳам мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблема ҷой доранд. Пурсишҳои сотсиологии дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки чораҳои андешидашуда ҳам дар қисми қонунгузорӣ ва ҳам сатҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии қабули санадҳои судӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ намебошанд. Махсусан кафолатҳои қонунии мустақкилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсири худро мерасонад.

Муаллиф дар фаъолияти амалии зиёда аз сисолаи худ ба ҳайси судя оид ба зарурати алоқамандии назарияи ҳуқуқӣ ва амалия боварии комил зоҳир намуда, қайд мекунад, ки ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба вуҷуд оварда, бидуни таҳлил ва фаҳмиши назариявии онҳо ҳалли он душвориро ба миён меорад ва адабиёти махсус дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки роҳнамои ҳалли ин масъалаҳо бошад, кам аст. Аз ин лиҳоз, муаллиф аз таҷрибаи касбии бисёрсолаи худ ба хулоса омадааст, ки оид ба таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, як зумра пешниҳодҳои назариявӣ-амалӣ коркард шавад. Дар ин замина, қайд мегардад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. Ҳамзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа асоснок намуда, ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Муаллиф, таҳқиқотҳои олимони тоҷикро дар диссертатсия истифода бурда, қайд менамояд, ки онҳо оид ба масъалаҳои хусусият ва

сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, бевосита ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат менамоянд.

Инчунин, муаллиф дар воқеъ асоснок қайд намудааст, ки оид ба назарияи илми ҳуқуқ рисолаи Нусратов Л.М. соли 2008 дар мавзуи «Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология)», рисолаи Ғоибов Р.Д. соли 2012 дар мавзуи «Татбиқи ҳуқуқии судӣ дар заминаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз шӯравӣ: ҷанбаи умумии назариявӣ», рисолаи Насков Д.С. соли 2021 дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», Саркорова Ш.С. соли 2023 дар мавзуи «Деформатсияи шуури ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ», рисолаи Завқизода С.А. соли 2023 дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» ва соли 2014 бошад, рисолаи доктории Насриддинзода Э.С. дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги (маданияти) ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқтар шудани фарқиятҳои фарҳангӣ ва тамаддун: мушкилоти назария ва амалия», инчунин рисолаи доктории Раҷабзода Р.М. соли 2022 дар мавзуи «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ» ҳимоя карда шудаанд, ки онҳоро муаллиф ҷиҳати ҳаматарафа пурра гардонидани таҳқиқоти диссертатсионии худ, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, барои муайян намудани ҷанбаҳои шуури ҳуқуқии судяҳо ва мукаммал шудани мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода бурдааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии ба анҷом расонидаи Қодирзода Т.Қ. муҳим буда, норасоӣ ва холигии илми назарияи ҳуқуқ ва давлатро дар ин самт пурра менамояд.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ дар замони муосир заруратро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо дар назар доштани ҳамин гуфтаҳо асоснок мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намуда, масъалаҳои баҳснокро муайя карда, диққатро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиш ва хулосабарориҳои худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешниҳод кардааст.

Чуноне аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир, таҳлили ақидаҳои ҷойдошта дар ин самт, ошкор намудани хусусият ва заминаи методологии таҳқиқот, такмили шуури ҳуқуқии судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиққунӣ дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҷиҳати амалигардонии оқилонаи адолати судӣ ба шумор меравад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар таҳқиқот мафҳуми шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ; сохтор ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва ошкор намудани мазмун ва хусусиятҳои фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони ҳозира муайян гардида; таҳлили мавқеъ ва аҳаммияти идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ вобаста ба консепсияҳои илмӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо гузаронида шуда; мавқеъ ва нақши шуури ҳуқуқии судяҳо дар фаҳмиш ва тафсири ҳуқуқ ва сатҳи он дар намудҳо ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайн гардида; ошкор намудани имконият ва дурнамои истифодаи усулҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ дар омӯзиш ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир; таҳлили проблемаҳои

асосии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти судяҳо, мафҳуми раванди шинохт ва ҳақиқат дар шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, намуд ва санадҳои татбиқи ҳуқуқии судӣ, шарҳдиҳии қонун дар раванди татбиқи ҳуқуқии судӣ, инчунин мушкилоти баҳодиҳии далелҳо ва исбот дар мурофиаи судӣ; дар асоси омӯзиш оид ба такмили қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ошкор намудани муқарраротҳои кухнашудаи қонунҳо, норасоиҳои қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти амалии судҳо, бо тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба фаъолияти судяҳо ва бо ин васила тавсияҳои мушаххас ҷиҳати коркарди тадбирҳо оид ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркард шудааст, ки ин вазифаҳои зикргардида, аз мухтаво ва мазмуни диссертатсия бармеоянд.

Қайд намудан лозим аст, ки асоси методологии таҳқиқот ба равиши низомӣ, ба принсипҳои раванд, таҳлили вазъиятӣ, функсионалӣ, эволютсионӣ буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари принсипи ҳуқуқ гузаронида шудааст ва бо ёрии усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо раванди пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳо дар бораи шуури ҳуқуқӣ гузаронида шуда, усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шуда, бо мақсади муайян намудани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо пурсишнома дар байни судяҳо гузаронида, дар натиҷа аҳаммияти донишҳои назариявӣ дар фаъолияти касбии судяҳо, сатҳи истифодаи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти судяҳо, таносуби донишҳои назариявӣ ва амалӣ муайян гардида, мавриди баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аён мегардад, ки он яке аз аввалин таҳқиқотҳои илмии маҷмуӣ ба ҳисоб рафта, дар он проблемаҳои назариявӣ - методологии консепсияи нави илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо тарҳрезӣ гардидааст.

Дар таҳқиқот муаллиф бо омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намуда,

ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар чараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир ҳамачониба таҳқиқ кардааст.

Мебоист бамаврид қайд кард, ки муаллифи таҳқиқот категорияҳои ҳуқуқиеро, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро тавсиф мекунанд, мураттаб ва мушаххас намуда, унсурҳои сохтории онро таҳқиқ карда, ҳолатҳои обективӣ ва субъективие, ки ба баланд бардоштани шуурии ҳуқуқии касбии судяҳо ва татбиқи ҳуқуқ ҳангоми баамалбарории адолати судӣ дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти касбии судӣ таъсир мерасонанд, муқаррар намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ, инчунин аз интихоби чанбаҳои кам омӯхташудаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз чумла, ангезаи рафтор, менталитет ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар рисола муаллиф чанбаҳои нави фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, омилҳои мушаххасе, ки ба ташаккули унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир мерасонанд ва хусусиятҳои онро муқаррар намуда, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Чумҳурии Точикистон, ки ба таҳкими сулҳу суббот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд равона карда шудааст, муайян намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок карда, дарачаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзу, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмперекӣ, наврии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя

пешинҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои дисертатсионӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ карда шудааст.

Боби 1 диссертатсия ба мавзуи **«Проблемаҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ»** бахшида шуда, он аз 3 зербоб иборат буда, дар доираи он мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст изҳори ақида менамояд, ки мафҳуми шуури ҳуқуқӣ мавзуи бевоситаи омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ буда, он маҷмуъи ақидаҳо ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ мебошад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, ҳам дониш дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам баҳодиҳии онҳоро аз нуқтаи назари адолат ва инчунин талаботи нави ҳуқуқӣ, ки дорои хусусияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, талаботи сиёсӣ ва манфиатҳои инкишофи ҷамъиятиро ифода менамояд, дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад, оқилона аз болои муносибатҳои эҳсосии худ назорат мебарад, муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад.

Боби 2 диссертатсия мавзуи «**Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ» номгузорӣ шуда,** аз 3 зербоб иборат буда, дар доираи он масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар замони муосир, ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ ва расмиёти судӣ, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки фаҳмиши ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ як намуди фаъолияти зеҳнии судя буда, ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти дарки ҳуқуқӣ, аломатҳои махсус ва хусусиятҳои хос

дорад. Дарки ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ дар шакли умумӣ бо худ фаъолияти зеҳнии субъекти татбиқи ҳуқуқро ҳангоми иҷро намудани салоҳиятҳои судя ифода менамояд.

Боби 3 диссертатсия зери мавзуи «**Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо чун заминаи фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ»** буда, аз 3 зербоб иборат аст, ки дар доираи он ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи низоми ҳуқуқӣ, ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ, қоидаҳои воқеии тафсир ва тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар назарияи ҳуқуқ, тафсир маънои тассавурот пайдо кардан дар бораи мазмун ва муҳтавои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаҳмиши маънои аслӣ ва дақиқи қонун, дарки моҳияти қонунро дар назар дорад ва бо дарназардошти сатҳи имрӯзаи рушди технологияи ҳуқуқӣ, ӯ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунии судӣ бояд ҳамаи қоидаҳои тафсири воқеиро донад, риоя намояд ва истифода барад.

Боби 4 диссертатсия ба мавзуи «**Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ҳамчун омили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо»** бахшида шуда, он аз 3 зербоб иборат буда, дар доираи он масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, нақш ва ҷои назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва баҳодиҳии далелҳо, ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ақида баён менамояд, ки мавзуи исбот категорияи махсуси мурофиавӣ буда, ҳолатҳое ба он мансуб мебошанд, ки аҳаммияти мурофиавӣ доранд, ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки бе равшан намудани онҳо моҳиятан дуруст ҳал намудани парвандаҳои судӣ ва татбиқи меъёри ҳуқуқи моддӣ имконнопазир аст ва хулосабарорӣ менамояд, ки коркарди илмии назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ва хулосаву пешниҳодҳои илмӣ на танҳо

барои баланд бардоштани савияи касбии судяҳо таъсири судманд расонида метавонад, ҳамчунин ба мустаҳкам намудани принсипи адолат дар мурофиаҳои судӣ мусоидат менамояд.

Боби 5 мавзуи «**Роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо»-ро дар бар гирифта, он** аз 3 зербоб иборат аст ва дар доираи он яке аз масъалаҳои муҳим, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ чун омили болоравии шуури ҳуқуқии судяҳо, таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо ва роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки фаъолияти судӣ масъулияти баланд буда, неруи зиёди ақлонию ҷисмониро талаб менамояд ва пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, дар фаъолияти судяҳо дар қонунгузорӣ баъзе истисноиҳо пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судяҳо ва беҳтар гардонидани сифати санадҳои судӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳамаи зинаҳои судӣ пурра таҳия намудани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ҳамчун истисно пешбинӣ карда шаванд: санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар онро тарафҳои мурофиа ва ё иштирокчиёни мурофиа талаб намоянд; санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар санади судӣ аз ҷониби тарафҳо ва ё иштирокчиёни мурофиа шикоят карда шавад; санадҳои судие, ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри оилавӣ ва сирри тиҷоратӣ ошкор мешаванд, новобаста аз ду ҳолати дар боло зикргардида, пурра таҳия карда намешаванд. Вобаста ба ин пешниҳодҳо, инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имзои электронии судя ва супоридани нусхаи санади судӣ ба тариқи электронӣ низ пешбинӣ карда шавад.

Ба андешаи муаллиф, ҳамаи ин омилҳо боиси паст гардидани сарбории зиёди судяҳо, баланд бардоштани донишҳои назариявӣ,

маҳорати касбӣ, масъулият ва одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии касбӣ ва бо дар назар доштани тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, равона карда шуда, ҳамчун асоси баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат менамояд, ки ин ақидаҳои муаллиф қобили дастгирӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки муаллиф ба хулосаи дуруст омадааст, ки низоми мавҷудаи таҳсилоти бозомӯзии судяҳо ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат карда наметавонад ва асоснок пешниҳод намудааст, ки муҳлати бозомӯзии судяҳо аз як моҳ кам набошад ва он дар муассисаҳои илмӣ, бо ҷалби кафедраҳои дахлдор ва олимони маъруф фаро гирифта шавад. Чунки маҳз бозомӯзии сифатнок ва дахлдори илмӣ ба баланд бардоштани тахассуси касбии судяҳо, ҳамчун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат менмояд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои дорои ҷанбаъи назариявӣ ва амалӣ, пешниҳоду таклифҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, ки дар диссертатсия дар маҷмуъ ифода ёфтаанд, дарҷ гардидааст.

Пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия пешниҳод кардааст, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ ва самтҳои гуногун истифода шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия инчунин дар он аст, ки андешаҳои муаллиф, фаҳмишҳои илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро мукаммал мегардонад ва ҷиҳати таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашмаи илмӣ хизмат хоҳанд кард.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва

давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат **ба** талаботи бандҳои 31, 33- 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди давлатдорӣ мубрам мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Муаллиф дар пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ  дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз асосҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судя ва таҳкими мустақилияти судяҳо шуда метавонад, асоснок қайд кардааст. Аммо ба назари мо хуб мешуд, ки дар диссертатсия меъёрҳои Конститутсия, ки ба ҳокимияти судӣ  дахл доранд мушаххастар дарҷ карда мешуданд.

2. Муаллиф дар диссертатсия баррасии ҷараёни рушду инкишофи шуури ҳуқуқӣ дар афкори сиёсию ҳуқуқии Аврупои Ғарбӣ дар асри XVIII - ибтидои асри XX ва назарияҳои Аврупои Ғарбии давлати

ҳуқуқбунёд, ки дар асрҳои XVIII — XIX ба вуқуъ омадаанд, оид ба шуури ҳуқуқӣ сухан рондааст. Ба назари мо агар оид ба масъалаҳои шуури ҳуқуқие, ки дар ҳуқуқи исломӣ мавҷуданд, сухан мерафт, ин аз аҳаммият холӣ набуд.

3. Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки дар фаъолияти судя меъёри ҳуқуқ устувории умумии ба амал баровардани адолати судиро дар ҳалли парвандаҳо таъмин намуда, қоида ва чаҳорчубаҳоеро, ки дар онҳо имконияти интихоб мавҷуд аст, мустаҳкам мекунад. Агар меъёри ҳуқуқӣ, асоси ҳуқуқӣ барои қабули қарор бошад, пас шуури ҳуқуқӣ асоси методологии чараёни таъини ҷазо ё қабули қарор аз рӯйи парванда мегардад. Он хусусияти идрокии кори судиро муайян мекунад. Шуури ҳуқуқии судя ба интихоби намуди ҷазо, ки ба вазнинии ҷинояти содиршуда ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ аст, инчунин ба интихоби меъёри ҳуқуқ барои қабули қарор оид ба дигар парвандаҳо бевосита таъсир мерасонад. Вале зикр нашудааст, ки оё ҳоло меъёрҳои ҳуқуқи амалкунанда устувории умумии ба амал баровардани адолати судиро дар ҳалли парвандаҳои судӣ таъмин менамояд ва судяҳо ба ин амал омода ҳастанд ё не?

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд.

Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

мутобиқат менамояд ва муаллифи диссертатсия Қодирзода Тоҳир Қамар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) Шокиров Ғ.А.

Имзоҳои Шокиров Ғ.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1,
Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru

16.06.2025